АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ БОҒУ ТОКПАРВАРӢ ВА САБЗАВОТКОРӢ

# ТАВСИЯНОМА

## ТЕХНОЛОГИЯИ ПАРВАРИШИ ПИЁЗ



*ш. Душанбе, 2025*

*Бо қарори Шӯрои методию таълимии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, протоколи №3 аз 16.08.2024 ба чоп тавсия гардидааст.*

*Муаллифон:*
*Ахмедов Т.А. д.и.к., академики АИКТ;*
*Раҳимов Ш.Д. ходими калони илмӣ*

***Дар тавсиянома мазкур маълумот оид ба технологияи парвариши пиёз дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ маълумот оварда шудааст. Барои корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолӣ пешбинӣ шудааст.***

*Муҳаррири техникӣ:*
*Шарипов Ш.И. - котиби илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ.*

*© Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ, 2025*

# ТЕХНОЛОГИЯИ ПАРВАРИШИ ПИЁЗ

Пиёзи бехӣ зироати сабзавотии сармобардор буда, тухмии он дар ҳарорати 3- 5°С гармӣ аз замин неш зада мебарояд. Пиёз дар ҳарорати 19-20°С гармӣ нағз сабзида нашъунамо мекунад. Ниҳоли пиёзи як-ду барга ба сармои 1-2°С ва баргу бехи расидааш ба сармои 6-7 °С тоб меоварад. Дар давраи нешзанӣ ва сабзиши тухмӣ, ин растанӣ ба намии муътадил эҳтиёҷ дорад. Бинобар ин ҳангоми сабзиши тухмии пиёз намнокии хок бояд аз 80-90% кам набошад.

## НАВЪҲО

**Ном: Пешпазак**



**Тасниф:** тезпаз

**Мавсими кишт:** тирамоҳӣ

**Вазн:** 50- 80 г

**Давраи пухта расидан:** 220 - 230 рӯз

**Ҳосилнокӣ (т/га):** 30-35

**Ном: Аброрӣ**



**Тасниф:** тезпаз

**Мавсими кишт:** тирамоҳӣ

**Вазн:** 50- 80 г

**Давраи пухта расидан:** 190 - 200 рӯз

**Ҳосилнокӣ (т/га):** 30-35

**Ном: Дӯстӣ**



**Тасниф:** пешпаз

**Мавсими кишт:** баҳорӣ

**Вазн:** 100-200 г

**Давраи пухта расидан:** 145-160 рӯз

**Ҳосилнокӣ (т/га):** 40-50

**Ном: Испанӣ-313**



**Тасниф:** дерпаз

**Мавсими кишт:** баҳорӣ

**Вазн:** 60-100 г

**Давраи пухта расидан:** 170-180 рӯз

**Ҳосилнокӣ (т/га):** 30-35

**Ном: Самарқандии сурх**



**Тасниф:** дерпаз

**Мавсими кишт:** баҳорӣ

**Вазн:** 60-120 г

**Давраи пухта расидан:** 150-160 рӯз

**Ҳосилнокӣ (т/га):** 28-35

**Эзоҳ:** ба хунукӣ тобовар буда мӯҳлати нигоҳдориаш низ дароз аст.

**Ном: Ҳисорӣ**



**Тасниф:** миёнапаз

**Мавсими кишт:** тирамоҳӣ /баҳорӣ

**Вазн:** 100-200 г

**Давраи пухта расидан:** 250-265 рӯз (тирамоҳӣ), 154-165 рӯз (баҳорӣ)

**Ҳосилнокӣ (т/га):** 50-70 (тирамоҳӣ) / 50-60 (баҳорӣ)

## ИНТИХОБИ ЗАМИН

Пиёз дар заминҳое, ки хокашон сабук ва сатҳи обҳои зеризаминиашон паст аст хуб нашъунамо ёфта, ҳосилнокии баландро таъмин менамояд. Дар заминҳои ботлоқӣ ва сатҳи обҳои зеризаминиашон баланд буда, ниҳолҳо хело суст нашъунамо ёфта зичии нихолҳо низ кам шуда ҳосили дилхоҳ намедиҳад. Замини кишт бояд ҳамвор ва андаке нишебӣ дошта

бошад. Дар кишти пиёз поруро пеш аз кишт бо меъёри 30-40 т/га истифода мебаранд.

## КИШТ

Миқдори кишти тухмии пиёз аз тарзи кишти он вобастагӣ дорад. Сарфи тухми дар кишти тирамоҳӣ 12-14 кг/га (120-140 г/сотих, 12-14 г дар як метри мураббаъ), кишти баҳорӣ 10-12 кг/га (100-120 г/сотих, 10-12 г дар як метри мураббаъ)-ро ташкил медиҳад. Дар ҳолати кишти дастии тухми пиёз меъёри он кам мегардад. Тухмӣ бояд, ки дар чуқурии 1,5-2,0 см кошта шавад. Зичии муътадили ниҳолҳо дар як гектар барои гирифтани ҳосили баланд на кам аз 1-1,2 млн растаниро бояд ташкил диҳад.

## ОБЁРӢ

Обёрии пиёзи кишти баҳориро мувофиқи шароити обу ҳавои баҳор аз моҳҳои март-май сар карда, вобаста аз хусусияти механики хок то охирҳои моҳи август ва аввалҳои моҳи сентябр мегузаронанд. Фосилаи байни ҳар обдиҳии пиёз дар давраи сабзиш 8-10 рӯз ва дар ҳолати бехгирӣ пас аз ҳар 6-7 рӯзро бояд ташкил диҳад. Дар маҷмуъ дар давраи нашъунамои пиёзи баҳорӣ дар заминҳои таркиби механики хокаш бе қуму шағал то 8-12 ва хокҳои қуму шағалдор 18-20 маротиба, аз руи меъёри 600-800 метри муккааб об додан зарур аст. Дар кишти тирамоҳӣ бошад, баъди кашидани ҷуяк ва пошидани тухми пиёз ба замин то фарорасии боришот 2-3 маротиба ва баҳорон, то пухта расидани ҳосил 4-5 маротиба, бо меъёри зикршуда, обёрӣ намудан мувофиқи мақсад мебошад.

# МУҲЛАТИ КИШТИ ПИЁЗ

| № | Минтақаҳо | Давраи кишт | Муҳлати кишт | Меъёри кишт, кг/га (ба воситаи тухмипошакҳо) | Навъҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Вилояти Хатлон, ноҳияҳои водигӣ | Кишти тирамоҳӣ | Сентябр - октябр | 12-14** | Пешпазак, Аброрӣ, Ҳисорӣ, Сибиряк, Банко, Техас, Алдобба |
| | | Кишти баҳорӣ | Декабр то 10 март* | 10-12*** | Дустӣ, Испанӣ-313, Ҳисорӣ, Караталӣ, Сибиряк , Банко, Техас, Алдобба |
| 2. | Ноҳияҳои кӯҳӣ ва назди кӯҳии минтақаи Кулоб | Кишти тирамоҳӣ | **Кишти тирамоҳӣ гузаронида намешавад.** | | |
| | | Кишти баҳорӣ | Март-апрел | 10-12*** | Дустӣ, Испанӣ-313, Ҳисорӣ, Караталӣ, Сибиряк , Банко, Техас, Алдобба |
| 3. | Вилояти Сугд | Кишти тирамоҳӣ | Сентябр - октябр | 12-14** | Пешпазак, Аброрӣ, Ҳисорӣ, Сибиряк , Банко, Техас, Алдобба |
| | | Кишти баҳорӣ | Декабр то 10 март* | 10-12*** | Дустӣ, Испанӣ-313, Ҳисорӣ, |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Караталӣ, Сибиряк , Банко, Техас, Алдобба |
| 4. | Водии Зарафшон | Кишти тирамоҳӣ | **Кишти тирамоҳӣ гузаронида намешавад.** | | |
| | | Кишти баҳорӣ | Феврал-март | 10-12*** | Дустӣ, Испанӣ-313, Ҳисорӣ, Караталӣ, Сибиряк , Банко, Техас, Алдобба |
| 5. | Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ | Кишти тирамоҳӣ | **Кишти тирамоҳӣ гузаронида намешавад.** | | |
| | | Кишти баҳорӣ | Март-апрел | 10-12*** | Дустӣ, Испанӣ-313, Ҳисорӣ, Караталӣ, Сибиряк , Банко, Техас, Алдобба |
| 6. | Водии Рашт | Кишти тирамоҳӣ | **Кишти тирамоҳӣ гузаронида намешавад.** | | |
| | | Кишти баҳорӣ | Март-апрел | 10-12*** | Дустӣ, Испанӣ-313, Ҳисорӣ, Караталӣ, Сибиряк , Банко, Техас, Алдобба |
| 7. | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | Кишти тирамоҳӣ | Сентябр - октябр | 12-14** | Пешпазак, Аброрӣ, Ҳисорӣ, Сибиряк , Банко, |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Техас, Алдобба |
| | | Кишти баҳорӣ | Декабр то 10 март | 10-12*** | Дустӣ, Испанӣ-313, Ҳисорӣ, Каратаӣ, Сибиряк , Банко, Техас, Алдобба |

*Кишти тухми пиёз баъд аз 10 март дар минтақаҳои водигии ҷумҳурӣ ҳосили ғайримолӣ медиҳад.

**Барои таъмини зичии муътадили растании пиёз, бо сабаби қисман осеббинии онҳо дар мавсими зимистон.

***Бо назардошти шароити хуби сабзиши тухмӣ дар баҳорон, меъёри сарфи тухмӣ кам бояд бошад.

# ҒИЗОДИҲӢ

| Элементҳо и ғизоӣ | Кишти тирамоҳӣ | | | Кишти баҳорӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Пеш аз кишт | Ғизодиҳии якум дар давраи ехгирии пиёз | Ғизодиҳии дуюм дар давраи ҳосилбанд ии саросар | Пеш аз кишт | Ғизодиҳии якум дар давраи бехгирии пиёз | Ғизодиҳии дуюм дар давраи ҳосилбанд ии саросар |
| N | 70-90 | 90-100 | 90-100 | 90-100 | 110-130 | 110-130 |
| $P_2O_5$ | 130-140 | 50-60 | - | 140 | 60 | - |
| $K_2O_5$ | 40 | 20 | - | 70 | 30 | - |

**Дар ҷадвал меъёри истифодаи нуриҳо кг/га моддаи таъсирбахш нишон дода шудааст.**

## БАРОИ ҚАЙДҲО

Дар Институти боғу токпарварӣ
сабзавоткории АИКТ ба табъ расидааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21 а